**Тақризи**

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Сатторов Нуралӣ Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ» (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4 –и "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ) барои дарёфти дараҷаи илмҳои номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. –Забони тоҷикӣ. –Душанбе 2024. – 170 саҳ.**

Омӯзиши роҳу воситаҳои калимасозӣ, муайян намудани қолабҳои калимасозӣ, таркиби морфологии калимаҳои сохтаву мураккаб, таркибсозии забони тоҷикӣ дар асоси маводи осори назмиву насрии осори адибони классику муосир муҳим ва саривақтӣ буда, баррасии калимасозӣ ва қолабҳои он ба мо имкон медиҳад, ки бо давраҳои ташаккулёбии қабати лексикии забон ва мавқеи вожаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар калимасозӣ ошно шавем. Мавзуи интихобнамудаи диссертант метавонад ба масъалаи калимасозӣ, таркибсозии феъл мусоидат намояд.

**Навгонии диссертатсияи** мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик нақши воҳидҳои луғавии арабӣ дар калимасозии тоҷикӣ, калимасозии вандҳои забони тоҷикӣ бо калимаҳои арабӣ, калимаҳои мураккаби тобеъ бо иқтибосоти арабӣ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ, калимасозии феъл бо лексикаи арабӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар диссертатсия ба таври дақиқ ҷанбаҳои ташаккул ва такомули калимасозӣ бо вожаҳои арабӣ ва воситаҳои калимасози тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи Сатторов Н.С. мубрам ва саривақтӣ буда, дар забоншиносии тоҷик то ҳол пурра ва ҳаматарафа мавриди пажуҳиши илмӣ қарор нагирифтааст.

Мавзуи диссертатсия ба масъалаи омӯхтанашудаи забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Маводи таҳлилшуда аз маводи ҷилдҳои 3 ва 4 –и "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ ҷамъоварӣ гардида, бори нахуст ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Вобаста ба ин, диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ комилан **мутобиқат мекунад.**

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқи диссертатсионӣ** ба миқдори муайяну кофии маводи таҳқиқ, эътимоднокии сарчашмаҳои илмӣ, дақиқияти маълумоти илмӣ, таҳлили забонии маводи ҷамъоваришуда ва ҳаҷми зарурии интишороти илмӣ вобаста мебошад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар 7 банд нишон дода шуда, мақсад, вазифаҳо ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар бар гирифтаанд. Хулосаҳои муаллиф муҳтавои

таҳқикро ба таври мушахас инъикос кардаанд. Дар диссертатсия ҷойгоҳи вожаҳои иқтибосии арабӣ бо воситаҳои калимасози забони тоҷикӣ муайян карда шудааст. Ҳангоми баррасии воситаҳои калимасоз пасвандҳо дар алоҳидагӣ тасниф гардида, мавқеи калимасозии онҳо муайян карда шудааст. Инчунин ҳангоми таҳқиқи калмасозии феълҳои таркибии номӣ нақши калимаҳои арабӣ ҳамчун ҷузъи номӣ нишон дода шудааст. Муҳаққиқ кӯшидааст, ки нақши калимаҳои арабиро дар офариниши калимаҳои сохта, мураккаб ва феълҳои сохта таҳлил ва баррасӣ намуда, ба мақсади хеш ноил гардидааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқоти диссертатсионии** мазкур дар он таҷассум меёбад, ки мавқеи калимаҳои арабӣ бо воситаҳои калимасозии забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ, ташаккул ва таҳаввулоти калимасозӣ, инчунин вижагиҳои калимаҳои арабӣ ва қудратмандии забони тоҷикӣ дар ҳазм ва сохтани калимаҳои нав метавонад ба масъалаҳои баҳсталаби забоншиносӣ ва калимасозӣ ва феълҳои таркибии номӣ кумак расонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро ҳангоми таълими фанҳои луғатшиносӣ, калимасозӣ, инчунин таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ доир бо луғати калимасозӣ, фарҳанги осори шоирон, дарсҳои лексиониву семинарҳои махсуси сарф, калимасозиву истилоҳсозии тоҷикӣ истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсияи **Сатторов Нуралӣ Саидалиевич** аз муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми умумии он 170 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи кор мубраммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши он, заминаҳои назариявию методологии рисолаи илмӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, объекту мавзуи таҳқиқот, усулҳо, марҳилаҳо ва соҳаи таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, ҳаҷм ва сохтори диссертатсияро ба таври мушаххас баён кардааст.

Боби якуми диссертатсия-**"Нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтани ҳиссаҳои номии нутқ дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ"** унвон дошта, аз се фасл, 17 зерфасл ва хулоса иборат аст.

Дар фасли якум- **"Матолиби муқаддимотӣ"** шарҳу тафсири иқтибосшавии калимаҳо аз ҷониби муҳаққиқону донишмандон, сабабу

омилҳои иқтибосшавии калимаҳои арабӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ, корбурди лексикаи арабӣ дар забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар ин фасл андешаҳои донишмандонро оварда, хулосаҳои хешро ба таври илмӣ асоснок намуда, баён кардааст.
Фасли дувум **"Таҳқиқи роҳи морфологии калимасозӣ бо асосҳои арабӣ"** ном дошта, аз 15 зерфасл иборат аст. Дар ҳар як зерфасл пасвандҳои калимасози забони тоҷикӣ дар алоҳидагӣ оварда шуда, нақши калимасозии онҳо бо лексикаи арабӣ муайян ва дараҷаи истифодаи онҳо нишон дод шудааст.

Фасли сеюми боби якум- "**Нақши калимаҳои арабӣ дар такмили роҳи синтетикӣ-морфологии калимасозӣ"** унвон дошта, аз ду зерфасл иборат мебошад. Дар зерфасли якум –"**Исмҳои мурккаби пайваст**" доир бо асосҳои арабӣ сохта шудани ин тарзи калимасозӣ баҳс меравад. Дар зерфасли дуюм **–"Калимаҳои мураккаби тобеъ"** муҳаққиқ калимаҳои мураккаби тобеъро аз ҷиҳати қолиб ба панҷ гурӯҳ: исм+исм, исм+сифат, исм+феъл, сифат+исм, зарф+исм тасниф намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки таҳқиқро мушаххастар нишон медиҳад.

Боби дуюми рисола "**Нақши калимаҳои арабӣ дар сохтани феълҳо ва мақоми он дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ** » номгузорӣ шуда, аз чор фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби дуюм «**Матолиби муқаддимотӣ**» (92-94) унвон дошта, ба масъалаи баррасии феъл ва вижагиҳои таркибсозии бахшида шудааст. Фасли дуюми боби дуюм «**Нақши калимаҳои арабӣ дар ташаккули феълҳои сохтаи номӣ**» **(95-99)** номгузорӣ шуда, дар он нақши пасвандҳои –ид, -он (онид) дар сохтани феъл бо иқтибосоти арабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби дуюм «**Баррасии масоили назариявии феълҳои таркибӣ**»(100-109) ба баррасӣ ва омӯзиши адабиёти назариявӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ кӯшидааст, ки адабиёти ба ин бахш мансубро таҳлил намояд ва хулосаҳои илмӣ барорад. Фасли чоруми боби дуюм «**Нақши иқтибосоти арабӣ дар ташаккули феълҳои таркибии номӣ**» номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл муҳаққиқ нақши калимаҳои арабиро дар ташкили феълҳои таркибии номӣ бо феълҳои ёвари забони тоҷикӣ бо овардани маводи фаровон нишон додааст.

**Хулосаю** натиҷагириҳои муаллифи дессертатсия ба далелҳои муътамади забонӣ асос ёфтаанд. Онҳо аз натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ баромада, дар 11 банд ҷамъбаст гардидаанд.

**Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ** ҷилдҳои 3-4 –и "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ интихоб гардидааст.

Асару мақолаҳои чопшуда мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 14 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф** дар асоси натиҷагириҳои таҳқиқ пешниҳод шуда, дар рушди минбаъдаи илми вожашиносӣ ва калимасозии тоҷик нақши муҳим мегузоранд.

Аз мутолиаи онҳо маълум мешавад, ки муҳаққиқ ба истинод ва истифодабарӣ аз асарҳои илмӣ бо эҳтиром муносибат карда, иқтибосоти овардаашро бо сарчашма ва саҳифаи он ишора мекунад. Аз мутолиаи диссертатсияи Satторов Нуралӣ Саидалиевич чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натиҷаи меҳнату кӯшиши зиёд ба мақсад расидааст. Таҳлилу муҳокима ва натиҷагириҳои диссертант аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошанд.

Диссертатсияи **Сатторов Нуралӣ Саидалиевич** таҳти унвони **«Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ» (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4 –и “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)** таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи калимасозӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар

1. Дар диссертатсия вожаи хандазор дар зерфасли 5 ташреҳ ёфтааст, ки бемаврид аст, он аз сифати феълии ханда ва пасванди –зор таркиб ёфтааст.
2. Вожаҳои пеша с. 53 ва хат с.61 дар “Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ” чун вожаи аслӣ шарҳ ёфтаанд, таҳлили ҷиддӣ мехоҳанд.
3. Дар диссертатсия таҳқиқоти ба феъл бахшидаи муҳаққиқон дар солҳои охир дар феҳрасти адабиёт ҷой дода шудааст, аммо андешаҳои онҳо мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд (Гулназарзода Жило, Шодиев Рустам ва дигарон). Агар нигоштаҳои солҳои охир мавриди пажуҳиш қарор мегирифтанд, сифати кор беҳтар мегардид.
4. Дар диссертатсия хулосаи бобҳо дар алоҳидагӣ зикр нашудаанд. Ин талаботи имрӯзаи кори илмист.

Нуқсонҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии кори диссертатсиониро кам намекунанд. Дар ҳаллу фасли вазифаҳои муайяншуда диссертант маводу далелҳои заруриро ба таври васеъ истифода мебарад. Муҳаққиқ аз пажуҳишҳо ва адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоташ **хуб** огоҳӣ дорад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ ба меъёр ва талаботи охирини Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Сатторов Нуралӣ Саидалиевич таҳти унвони **«Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ» (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4 –и "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ)** ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
Доктори илми филология, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
Ба номи Абуалӣ ибни Сино" Низомова Санобар Фахриевна

Суроға: 734003, ш. Душанбе,
Н. Сино, маҳаллаи Навбаҳор, хонаи 622
Тел:935154029
E-mail:sanobarnizomova66@gmail.com
Сана: 12.05.2024.

Имзои Низомова С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардои Раёсати рушди кадрии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино", н.и.т. Сафаров Беҳрӯз Изатуллоевич

Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кучаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj
Web: WWW. tajmedun.tj
Сана: 12.05.2024.